# Хизматрасонии тиббӣ

# Эътинои байнисоҳавӣ ба зуроварии гендерӣ

# Амалиётҳои стандартии оперативӣ (АСО)

**Душанбе**

UNFPA, Хазинаи нуфуси Созмони Миллали Муттаҳид ин оҷонсии байналхалқии рушд мебошад, ки барои дастрасии хар як зан, мард ва кудак ба хаёти солим бо имкониятхои баробар мусоидат менамояд. UNFPA мамлакатҳоро барои истифодаи маълумотҳои демографӣ барои коркарди барномаҳо оиди паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини он, ки ҳар як ҳомиладори дилхоҳ, ҳар як тавлид бехатар, ҳар як шахси ҷавон озод аз бемории ВИЧ/СПИД ва ҳар як духтар ва зан аз эҳтиром бархурдор аст, дастгир менамояд.

Ин нашрия бо дастгирии молиявии Ҳукумати Британияи Кабир омода карда шудааст. Маводҳои чоп шуда нуктаи назари расмии Ҳукумати Британияи Кабир ва ё Хазинаи нуфуси Созмони Миллали Муттаҳидро инъикос намекунанд.

## Мундарича


**Муқаддима** 4

**Мақсад ва вазифаҳо** 6

**Истифодабарӣ** 7

**Принсипҳои роҳбарикунанда** 8

Принсипҳои эътинои байнисоҳавӣ ба ЗГ 8

Принсипҳо ва стандартҳои хизматрасонӣ ба ҷабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ 9

**Аломатҳо ва рафторе, ки аз ЗГ гувоҳӣ медиҳанд** 10

Аломатҳое, ки аз ЗГ гувоҳӣ медиҳанд 10

Рафторе, ки аз ЗГ гувоҳӣ медиҳад 11

**Чӣ гуна бо ҷабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ бояд ҳамкорӣ кард** 11

Чорабиниҳо 13

Ошкорсозӣ 13

**Баҳодиҳӣ** 14

Хизматрасонӣ/Дахолат 15

Кӯмаки аввалия 16

Анамнез ва муоина 16

Табобати клиникии осебҳо ва ёрии таъхирнопазири тиббӣ 17

Баҳодиҳӣ ва идорасозии ҳолати рӯҳӣ/равонӣ 18

Ҷамъоварии далелҳо 19

Баҳодиҳӣ ва идорасозии хатарҳо 20

Ҳуҷҷатгузории ЗГ 21

Равонасозӣ 22

**Нақшаи инфиродии бехатарӣ барои занони гирифтори зуроварӣ аз тарафи шарикони ҷинсӣ ё дигар аъзоёни оила** 26

**Шарҳи мафҳумҳо** 28

**Амалияҳо/ҳуҷҷатҳо оиди мавзӯъ** 31

# МУҚАДДИМА

Зӯроварии гендерӣ нобаробарии байни мардону занонро инъикос намуда, онро пурзӯр менамояд ва ба саломатӣ, шаъну эътибор, бехатарию мустақилияти зани ба он дучоргардида зарар мерасонад. Муҳите, ки дар он ҷабрдидагони зӯроварӣ қарор доранд, ҳамеша бо стресс (таҷоҳум) фаро гирифта шудааст, ки боиси осебҳо, стресси муштарак, инчунин дигар ихтилолҳои изтиробовари бо стресс алоқаманд мегардад. Шахсоне ки бар зидди хоҳиши худ барои иҷро намудани амалҳои номатлуб маҷбуранд, ноумедӣ, ноустуворӣ ва ғайриқаноатмандӣ ҳис мекунанд ва ин ба беаҳамиятӣ нисбати ҳолати худи онҳо оварда мерасонад. Ин ҳолат дар навбати худ метавонад боиси механизмҳои номувофиқи мутобиқшавии равонӣ гардад ва раванди барқароршавӣ ва муттаҳидшавӣ дар ҷомеаро душвор гардонад.

Аксаран барои ҷабрдидагони ЗГ кӯмаки бисёрдараҷаи таъминкунандагони хизматрасонии тиббӣ талаб карда мешавад. Ҳар гуна шакли ЗГ ва амали зараровари анъанавӣ боиси бад шудани солимии репродуктивӣ, рӯҳӣ ва ҷисмонии занон гашта, дараҷаи маълумотнокӣ, маҳсулнокӣ ва муваффаққияти фаъолияти иҷтимоии онҳоро паст менамояд, инчунин сабаби хароҷотҳои зиёди маблағҳои давлатӣ барои чора андешидан нисбати эътино ба ЗГ, қонеъ намудани талаботҳои ҷабрдидагон ва таъқиби гунаҳкорон мебошад. Занони аз ЗГ ҷабрдида талаботҳои сершумор ва мураккабе доранд, ки барои қонеъ намудани онҳо маҷмӯи томи хизматрасониҳо талаб карда мешавад. Як ташкилот барои дастрас намудани тамоми ин хизматрасониҳо қодир нест, вокуниши ҳамоҳангсози байни бахшҳо зарур аст. Самаранокии чораҳои вокуниш намудан ба зӯроварӣ нисбати занон аз мавҷуд будани системаи нағз фаъолияткунандае вобастагӣ дорад, ки метавонад барои ҷабрдидагон кӯмаки таъхирнопазири тиббӣ ва бехатарии онҳоро бо роҳи пешниҳод намудани хизматрасониҳои тиббии босифат ва саривақтии руҳӣ, ҷисмонӣ ва репродуктивӣ, сарпаноҳгоҳ ва муҳофизат, ҳамчунин дастрасӣ ба хизматрасониҳои системаи адолати судиро таъмин намояд.

Ҳамчун яке аз мушкилоти ҷаҳонишавӣ ҷанбаи гендериро ҳисоб намудан мумкин аст. Амалан дар сайёра мамлакате вуҷуд надорад, ки дар он мушкилоти гендерӣ ҷой надошта бошад. Тоҷикистон кайҳо боз ба равандҳои ҷаҳонишавӣ дохил шудааст ва ба мушкилотҳои он шомил гаштааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи таъмин намудани ҳимояи ҳуқуқҳои инсон нисбати занону духтарон диққати махсус медиҳад. Роҳбарияти мамлакат дар шахсияти Президент Эмомалӣ Раҳмон иродаи қавии сиёсии худро нисбати баланд бардоштани мавқеи занон, фароҳам овардани шароиту имкониятҳои баробари амалӣ намудани ҳуқуқу имкониятҳои худ барои занону мардон изҳор намуданд. Дар ин мавзӯъ барномаи давлатӣ низ таҳия шудааст, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст ва дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Баланд бардоштани нақши зан дар

ҷомеъа» аз 02.03.с.1999 № 5 санадҳои (ҳуҷҷатҳои) меъёрӣ- ҳуқуқие қабул шудаанд, ки ба ҳимояи ҳуқуқҳои занон марбутанд.

Санадҳои қонунгузорӣ ва амалкунандае, ки ба ҷанбаҳои расонидани кӯмаки иҷтимоию тиббии ҷабрдидагони зӯроварӣ дар ҶТ дахл доранд (бевосита ва бавосита):

- ✓ Моддаи 17 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баробарҳуқуқии мардону занон;
- ✓ Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.11.с. 1998 №683;
- ✓ Қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалӣ намудани онҳо» аз 01.03. 2005с. №89»
- ✓ Қонун «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 19.03.с.2013 №954 тасдиқ карда шудааст;
- ✓ Барномаи давлатии пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014-2023;
- ✓ Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Барномаи давлатӣ барои солҳои 2014 – 2023, ки бо қарори Ҳукумат аз 03.05.с.2014 №294 тасдиқ карда шудааст;
- ✓ Консепсияи рушди оила дар ҶТ, ки ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.12.с.2015 №801 тасдиқ карда шудааст .

Дар асоси Қонун «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 19.03.с.2013 №954 тасдиқ карда шудааст ва Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Барномаи давлатӣ барои солҳои 2014 – 2023, ки бо қарори Ҳукумат аз 03.05.с.2014 №294 тасдиқ карда шудааст, бо ташаббуси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Хазинаи нуфуси СММ (ЮНФПА), соли 2013 дар заминаи Маркази миллии тиббӣ, Таваллудхонаи №2 шаҳри Душанбе, таваллудхонаҳои шаҳрҳои Қӯрғонтеппа ва Кӯлоби вилояти Хатлон, шаҳрҳои Хуҷанд ва Қайроқуми вилояти Суғд, шаҳри Ваҳдат ва ноҳияи Рашти ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳуҷраҳо барои хизматрасонӣ ба занони аз зӯроварӣ ҷабрдида ташкил карда шуд. Ин ҳуҷраҳо бо таҷҳизоти зарурӣ барои калонсолону кӯдакон, аз ҷумла кондисионерҳо, катҳои хоб барои кӯдакону калонсолон, лавозимоти зарурии ошхона ва беҳдошти гигиенӣ ҷиҳозонида шуда, шароитҳои зарурӣ барои муваққатан зиндагӣ кардан ва гирифтани кӯмаки муваққатии тиббӣ, равонӣ ва моддии ҷабрдидагони зуроварии оилавӣ фароҳам оварда шудаанд.

Соли 2016 дар ин ҳуҷраҳо 118 муроҷиат ба қайд гирифта шуд, ки аз онҳо 67 нафар занон бо зӯроварии ҷисмонӣ (лату кӯб), 41 нафар занон бо зӯроварии равонӣ ва 10 нафар занон бо зӯроварии шаҳвонӣ буданд. Дар 6 моҳи соли 2017 аз 52 ҳодисаҳои ба қайд гирифташуда 29% аз сабаби зӯроварии ҷисмонӣ, 63% - зӯроварии психологӣ ва 8% - зӯроварии шаҳвонӣ буданд.

Сохтори синнусолӣ шаҳодат медиҳад, ки 10% муроҷиатҳоро занону духтарони синни 15 – 20 сола (синни ҷавони репродуктивӣ), 67% - 21 –

35 сола (синни фаъоли репродуктивӣ) ва 23% аз 35 сола калонтарро (синни калони репродуктивӣ) ташкил медиҳанд.

Ба туфайли беҳтар шудани иттилоотнокии аҳолӣ дар бораи сиёсати ҳукумат тавассути ВАО ва муассисаҳои тиббӣ оид ба пешгирӣ намудани зӯроварии хонаводагӣ ва кӯмакрасонӣ ба ҷабрдидагони ҳама шаклҳои зӯроварӣ, муроҷиати ҷабрдидагон ба ҳуҷраҳои номбаршуда зиёд гардидааст. Қайд кардан зарур аст, ки бақайдгирии ҳодисаҳо ва сифати кӯмаки расонидашуда беҳтар шуда истодааст.

Барои минбаъд беҳтар шудани сифати хизматрасонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ гурӯҳи кории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати «Амалиётҳои стандартии оперативӣ»-ро (АСО) таҳия намуд.

## МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲО

Системаи тандурустӣ ва таъминкунандагони хизматрасониҳои тиббӣ аз нуқтаи назари ошкорсозӣ, баҳодиҳӣ, табобат, интервенсияи бӯҳронӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, равонасозӣ ва чорабиниҳои минбаъда дар ҳодисаҳои ЗГ нақши муҳим мебозанд.

Бартарафсозӣ ва пешгирии ҳама шаклҳои зӯроварӣ нисбати занону духтарон дар Комиссияи 57-уми Мавқеи Занон барои амал намудан ба мақсадҳои зерин даъват менамояд:

«Бартараф намудани ҳамаи оқибатҳои барои саломатӣ, аз ҷумла барои саломатии ҷисмӣ, руҳӣ, шаҳвонӣ ва репродуктивӣ зараровари зӯроварӣ нисбати занону духтарон, бо роҳи пешниҳод намудани хизматрасониҳои дастраси тандурустӣ, ки ба осебҳо эътино менамоянд, маводи дорувории дастрас, бехатар, самараноку босифат, кӯмаки аввалия, муолиҷаи осебҳо ва кӯмаки тиббии руҳию иҷтимоӣ ва фикрӣ, контрасепсияи таъҷилӣ, исқоти ҳамли бехатар, агар хизматрасониҳо аз тарафи қонунгузории миллӣ иҷозат дода шуда бошанд, пешгирии баъдииртиботии сирояти ВНМО, ташхису табобати бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ сироятшаванда, омӯзонидани кормандони тиб бо мақсади самаранок ошкор намудан ва табобати занони ба зӯроварӣ дучоргашта, инчунин экспертизаи судии тиббӣ аз тарафи мутахассисони ихтисоснок».

Амалиётҳои стандартии оперативӣ (АСО) барои равшану муфассал баён намудани амалҳои таъминкунандагони хизматрасонии тиббӣ, ки метавонанд ба ҷабрдидагон / шахсони дучоршуда ба ЗГ кӯмак/хизмат расонанд, таҳия карда шудаанд.

Мақсадҳои АСО барои дахолат намудани таъминкунандагони хизмтрасониҳои тиббӣ ҳангоми ҳодисаҳои ЗГ инҳо мебошанд:

- кӯмакрасонӣ барои самаранок ошкор намудани ҷабрдидагон/шахсони дучоршуда ба ЗГ;
- таъмин намудан ва/ё зиёд намудани бехатарии ҷабрдидагон дар тамоми марҳилаҳои дахолат;

- таъмин намудани сифат ва мувофиқат ҳангоми хизматрасониҳо;
- мусоидат намудан ба такмил ва ҳамоҳангсозии ҳуҷҷатҳои ЗГ ва ҷамъоварии маълумотҳо ;
- кафолати махфияти хизматрасониҳое, ки ба ҷабрдидагон/шахсони дучоршуда ба ЗГ расонида мешаванд;
- мусоидат намудан барои интиқоли самараноки ҷабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ дар доираи бахши тандурустӣ ва дигар таъминкунандагони хизматрасониҳо;
- робитаи муассисаҳои тиббӣ бо дигар таъминкунандагони хизматрасониҳо ба ҷабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ.

Гарчанде мардону писарон низ метавонанд аз оқибатҳои бевосита ва бавоситаи зӯроварии гендерӣ зарар бинанд, диққати асосии маълумотҳои АСО ба занону духтарон равона карда шудааст, чунки онҳо аксаран ба зӯроварию муносибати бераҳмона дучор мешаванд; шаклҳои зӯроварие, ки онҳо дучор мегарданд, вазнинӣ, басомад ва оқибатҳои онҳо аз зӯроварие, ки мардон дучор мегарданд, хеле фарқ мекунад.

## ИСТИФОДАБАРӢ

Доираи муҳими хизматрасониҳои тиббӣ барои дастгирии занону духтарони ба ЗГ дучоршуда, зарур аст. Панҷ ҷузъи асосӣ ҳамчун зарурӣ барои эътинои ҳаматарафа ва самараноки таъминкунандагони хизматрасониҳои тиббӣ муайян карда шудаанд:

- Кӯмаки аввалия (аз ҷумла роҳхатдиҳӣ)
- Хизматрасонии тиббӣ ҳангоми осебҳо ва ҳодисаҳои таъхирнопазири тиббӣ
- Муоина ва табобати ҷабрдидагони зӯроварии шаҳвонӣ
- Баҳодиҳии солимии руҳӣ
- Стресс-менеҷмент

АСО амалиётҳои дақиқ, фаъолияти марҳила ба марҳилаи ҳаррӯза, вазифаву уҳдадориҳоеро танзим менамояд, ки ҳар як корманди тиб, ки хизматрасониҳои тандурустиро пешниҳод менамояд, бояд риоя намояд. Инҳо метавонанд муассисаҳои тиббии зинаҳои аввалия, миёна ва олӣ бошанд. Барои амалишавии нисбатан самарноки АСО омодагии минималии таъминкунандагони хизматрасониҳои тиббӣ ҳангоми истифодаи АСО-и мазкур нишон дода мешавад. Омӯзиш бояд як қисмати маҷмӯии барнома/нақшаи омӯзишӣ бошад, ки дар худ қисмҳои эътинои байнисоҳавӣ ба ЗГ, эътинои махсусгардонидашудаи тиббӣ ба ЗГ, ҳамчунин пешгирӣ ва иттилоотро дар бар гирад.

АСО уҳдадориҳои мушаххаси таъминкунандагони хизматрасонии тиббиро вобаста ба ҳолати саломатӣ баён намекунад. Ҳама гуна дигар амалиётҳои махсуси аз тарафи қонунгузории миллӣ, қоидаву меъёрҳо

танзимшаванда, ҳангоме илова карда мешаванд, ки маълумотҳои АСО нисбати мамлакат мутобиқ карда шаванд.

Ҳангоми ташкил намудани кӯмак ба ҷабрдидагон/шахсони ба ЗГ дучоршуда ба инкишофи кӯмаки мувофиқи ба занон равонакардашуда диққати махсус дода, махфият ва дахлнопазирии ҳаёти шахсиро кафолат додан лозим аст. Барои роҳ надодан ба стигматизатсияи патсиентмаҷмӯи пурраи кӯмакрасонӣ бояд дар як ҳуҷраи машваратӣ пешниҳод карда шавад ва ин ҳуҷра набояд бо чунин сифат муайян карда шавад. Ғайр аз ин ба ҷабрдидагон/шахсони ба таҷовузи номус дучоршуда дастрасии афзалиятнок бояд таъмин карда шавад.

Ҳамаи муассисаҳои хусусии тандурустӣ бояд оид ба маҷрои мизоҷҳо - ҷабрдидагон/шахсони дучоршуда ба ЗГ ва уҳдадориҳои этикии риоя намудани махфият иттилоъ дода шаванд.

**Принсипҳои роҳбарикунанда**

**Принсипҳои эътинои байнисоҳавӣ ба ЗГ**

**Муносибати ба талоботҳои ҷабрдида равона кардашуда.** Барои тамоми таъминкунандагони хизматрасониҳо, ки ба эътинои байнисоҳавии ба ЗГ ҷалб шудаанд, бояд ҳуқуқҳо, талоботу хоҳишҳои ҷабрдида афзалиятнок бошанд.

**Ҳамкорӣ.** Эътинои байнисоҳавӣ ба ЗГ ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии самараноки муассиса/ташкилотҳои ҷалбшударо пешбинӣ менамояд.

**Идоракунии коллективӣ.** Қоидаҳои ба дахолати байнисоҳавӣ ва равонасозӣ, стратегия ва нақшаҳои амалӣ дахлдошта, аз ҷумла банақшагирӣ, амалишавӣ, мониторинг ва баҳодиҳии барномаҳо бояд дар асоси иштироки коллективӣ, аз ҷумла бо иштироки бенифитсиарҳо (агар қобили қабул бошад) тартиб дода шаванд.

**Банақшагирии стратегӣ.** Сиёсати ба мубориза зидди падидаҳои зӯроварии гендерӣ равонакардашуда, бояд ба дараҷаи стратегияҳои умумии байнисоҳавии дорои мақсаду амалҳои мушаххас, даровард шаванд.

**Хизматрасониҳои маҷмӯӣ.** Амалиётҳо барои дахолат ва равонасозӣ, ҳамчунин чорабиниҳои муҳофизатӣ, муносибати байнтартиботиеро талаб мекунанд, ки бо методологияи ягонаи кор асоснок шудаанд.

**Пешгирӣ.** Муносибати самараноки маҷмӯӣ ба сифати афзалият, ҳамчунин пешгирии зӯроварии гендериро дар бар мегирад.

**Ҳисоботдиҳӣ.** Тамоми чорабиниҳо/ташкилотҳо бояд ҳисботдиҳиро барои кормандон ба мақсади татбиқ ва риояи барномаҳои мувофиқакардашуда/қоидаҳо ва пайгирӣ аз ин принсипҳои роҳбарикунандаро дар корашон таъмин намоянд.

**Устуворӣ.** Бо вуҷуди тағйиротҳои сиёсӣ ё сайлонияти кадрҳо, набудани ҳавасмандӣ, муассиса/ташкилотҳое, ки ба эътинои байнисоҳавӣ

шомил гаштаанд, бояд тамоми шароитҳоро барои татбиқ ва амалишавии ин муносибат таъмин намоянд.

**Принсипу стандартҳои хизматрасонӣ ба ҷабрдидагон/ шахсони дучоршудаи ЗГ.**

**Муносибат бо назардошти хусусиятҳои гендерӣ.** Ҳангоми хизматрасонӣ муносибатеро пеша кардан зарур аст, ки динамикаи гендерӣ, таъсир ва оқибати зӯровариро нисбати занон эътироф менамояд. Таъминкунандагони хизматрасониҳои тандурустӣ бояд гуногунрангии истифодабарандагони хизматрасониҳоро эҳтиром намоянд ва муносибати ғайритабъизиро истифода баранд. Ин чунин маъно дорад, ки занони ба ЗГ дучоршуда дастрасии баробару пурра ба кӯмаки тиббӣ доранд ва хизматрасонии сифати ягонадоштаро мегиранд.

**Муносибат бо ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ.** Ҳангоми дахолат ба воқеа/ҳодисаҳои ЗГ хоҳиш, ҳуқуқ ва шаъну эътибори ҷабрдидаро эҳтиром намудан ва муносибати хайрхоҳона, барои муайян намудани талаботҳои ҷабрдида ва муайян намудани роҳҳои имконпазири амалиётҳо, мусоидат менамояд. Таъминкунандагони хизматрасониҳои тиббӣ бояд ба ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ барои қарор қабул намудан, кӯмак расонанд..

**Бехатарӣ ва муҳофизат.** Бехатарии ҷабрдида ва таъминкунандаи хизматрасониҳои тиббӣ бояд ҳангоми ташкил ва расонидани кӯмак ба ҷабрдида/шахсони ба ЗГ дучоршуда, ба назар гирифта шавад. Баҳодиҳии бехатарии ҷабрдида/шахси ба ЗГ дучоршуда бояд ҳангоми идентификатсия ва ҳангоме гузаронида шавад, ки мизоҷ дар бораи дучори ЗГ шуданаш хабар медиҳад. Ғайр аз ин, баҳодиҳии бехатарии шахсӣ қисми ҳар як машавaратдиҳӣ бошад. Дар марҳилаи ибтидоии машваратдиҳии ҷабрдида/шахсони ба ЗГ дучоршуда ба назар гирифтани таҳдидҳои имконпазир (фаъолияти зӯроваронаи шавҳарон, аъзои оила) муҳим аст, то боварӣ ҳосил карда шавад, ки машваратдиҳӣ бе зарари эҳтимолӣ барои худ, патсиент ё дигар ҳамкорон гузаронида шуда метавонад.

**Махфият.** Риоя намудани махфият чораи муҳими таъмин намудани бехатарии ҳам ҷабрдида/шахсони ба ЗГ дучоршуда, ҳам таъминкунандагони хизматрасониҳои тандурустӣ мебошад. Махфияти ҷабрдида бояд доимо риоя карда шавад. Ин мубодилаи фақат иттилооти зарурӣ, фақат аз рӯи зарурият ё аз рӯи хоҳиш ва фақат бо ризоияти ҷабрдидаро дар бар мегирад. Пинҳонӣ будан ҳангоми машваратдиҳӣ (идентификатсия ва идоракунии клиникӣ) ва махфияти ҷамъоварии маълумотҳо, баҳисобгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва мубодилаи иттилоот хатари фош шудани ҳам патсиент ва ҳам таъминкунандагони хизматрасониҳои тандурустиро кам мекунад. Нигоҳ доштани махфият кафолат медиҳад, ки ҷабрдида дар натиҷаи барои кӯмак муроҷиат карданаш ба таҳдидҳо ва/ё зӯровариҳои минбаъда дучор намегардад, инчунин таъминкунандаи хизматрасониҳои тандурустиро аз таҳдидҳои шахси зӯроварӣ содирнамуда ё аъзои оила муҳофизат менамояд. Мубодилаи иттилооти махфӣ дар касби табибӣ чунин маъно дорад, ки баъзе аз иттилоот

ба дигар ҳамкорон-табибон комилан дар асоси принсипи «зарурият» дода шуда метавонад. Иттилоот метавонад ба ҳамкорон дода шавад, агар барои ин сабабҳои тиббӣ мавҷуд бошанд ва таъминкунандаи хизматрасониҳои тандурустӣ ҷабрдидаро ба дигар таъминкунандаи хизматрасониҳои тандурустӣ медиҳад. Ин бояд ба ҷабрдида пешакӣ фаҳмонда шавад ва ҷабрдида бояд фаҳмад, ки кадом иттилоот ва ба кӣ дода мешавад, инчунин бояд ризоияти ҷабрдида барои додани иттилоот гирифта шавад. Агар махфият бо қарор дар бораи ҳисоботдиҳии ҳатмӣ маҳдуд шуда бошад, ҷабрдида бояд фавран дар ин бора огоҳонида шавад.

**Интихоби бошуурона.** Фаъолият бояд фақат бо иҷозати ҷабрдида ва баъди гирифтани ризоияти бошууронаи ӯ шурӯъ карда шавад.

**Роҳ надодан ба поймолкунии ҳуқуқ (дискриминатсия).** Новобаста аз синну сол, нажод, дин, этинои шаҳвонӣ, мансубияти гендерӣ, номукаллафӣ, вазъи оилавӣ, вазъи маълумот ва иҷтимоию иқтисодӣ ҳамаи ҷабрдидагон/шахсони ба ЗГ дучоршуда баробар мебошанд бояд муносибати якхела карда шаванд ва дастрасии баробар ба хизматрасониҳоро дошта бошанд.

## Аломатҳо ва рафторе, ки аз ЗГ гувоҳӣ медиҳанд

Дар поён рӯйхати мухтасари аломату рафторҳои клиникӣ ва равоние оварда шудааст, ки метавонанд диққати таъминкунандаи хизматрасониҳои тиббиро барои омӯзиши мавҷудияти ЗГ ҷалб намояд. Агар миқдори зиёди онҳо вуҷуд дошта бошанд, ин чунин маъно дорад, ки мизоҷ объекти ЗГ мебошад.

## Аломатҳое, ки аз ЗГ гувоҳӣ медиҳанд

- Осебҳои зиёд, дар марҳилаҳои гуногуни сиҳатшавӣ, дар якчанд қисмати бадан, ки наметавонанд натиҷаи тасодуф бошанд
- Осебҳои нофаҳмо ё бо шарҳи номафҳум/саргум
- Осебҳои мутаносиб
- Доғҳои кабуд, захм, ҷароҳатҳо, газидагиҳо, сӯхтагиҳо дар марҳилаҳои гуногуни сиҳатшавӣ, махсусан дар дастҳо ва рӯй
- Осебҳои бо либос пушондашуда
- Осебҳое, ки ба шарҳдиҳии сабаб мувофиқ нестанд
- Аломатҳои номафҳуми музмини меъдаву рӯдаҳо
- Аломатҳои номафҳуми репродуктивӣ, аз ҷумла дардҳо дар кос, ноҷуриҳои шаҳвонӣ
- Оқибатҳои номусоиди репродуктивӣ, аз ҷумла якчанд ҳомиладориҳои номатлуб ва/ё қатъкунии онҳо, хизматрасониҳои ғайрисаривақтии тиббӣ аз сабаби ҳомиладорӣ, оқибатҳои номусоиди таваллудкунӣ
- Аломатҳои номафҳуми сироятҳои системаи бавлу таносул, аз ҷумла сироятҳои такроршавандаи масона ё гурда ва ғайра

- Хунравиҳои такроршавандаи маҳбалӣ ва бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ сироятшаванда
- Дарди музмин (номафҳум)
- Мушкилоти системаи марказии асаб - дарди сар, мушкилоти ҳиссиётӣ, талафёбии шунавоӣ
- Машвартгирии такроршавандаи тиббӣ бе ташхиси аниқ
- Иштироки шарик ё шавҳари шилқин дар машваратҳо
- Аксаран барои машваратгирӣ наомадан
- Риоя накардани табобат
- Барвақт аз беморхона худҷавобгирӣ
- Аломатҳои депрессия, изтироб, ихтилоли баъдиосебии стрессӣ, вайроншавии хоб
- Истеъмоли машруботи спиртӣ ва дигар моддаҳо

## Рафторе, ки аз ЗГ гувоҳӣ медиҳад

- Зуд-зуд машварат гирифтан дар асоси аломатҳои норавшан
- Зан кӯшиш мекунад, ки осебҳоро пинҳон дорад ё андозаи онҳоро аз будаш кам нишон диҳад
- Зан дар ҳузури шарикаш ё шахси калонсоли ҳамроҳикунанда бо дили нохоҳам сухан меронад ё мутеъ ва тарсхурда ба назар менамояд
- Риоя накардани табобат
- Риоя накардани машваратгирии саривақтӣ
- Зан тарсхурда, аз ҳад зиёд ноором ё афсурда менамояд
- Тамоюл ба худкушӣ ё қасдан маъюб кардани ягон узви бадани худ
- Шарик пуршиддат ё босалобат аст, ба ҷои зан сухан меронад ё барои баромадан аз ҳуҷра саркашӣ мекунад
- Ба духтури занона гоҳ-гоҳ ё умуман муроҷиат намекунад
- Барвақт аз беморхона мураххасӣ гирифтан.

## Бо ҷабрдида/шахси дучоршудаи ЗГ чӣ гуна ҳамкорӣ бояд кард

Савол додан оид ба ЗГ метавонад барои ҳар гуна таъминкунандаи хизматрасониҳои тиббӣ кори душворе бошад. Тавсияҳои зерин барои зиёд намудани боварии таъминкунандаи хизматрасонии тиббӣ ҳангоми саволдиҳӣ дар бораи ЗГ, инчунин роҳ надодан ба такроршавӣ кӯмак мерасонанд.

- Ҳангоми оиди зӯроварӣ савол додан ташаббусро ба дасти худ гиред – интизор нашавед, ки кай зан худаш нақл мекунад. Ин нишон медиҳад, ки шумо масъулияти касбиро барои вазъияти вай ба зимма мегиред ва ин барои ба роҳ мондани муносибати боварибахш кӯмак мерасонад.
- Ҳангоми ҳузур доштани аъзоёни оила, дӯст ё кӯдакон аз савол додан ба зан оид ба ЗГ худдорӣ намоед.
- Бо ҷабрдидагон/шахсони ба ЗГ дучоршуда пурсабр бошед, дар назар доред, ки дар шароитҳои бӯҳронӣ онҳо метавонанд эҳсосоти мухталиф дошта бошанд. Ҷабрдидаро барои кушодани сири худ маҷбур накунед.

Агар вай сири худро кушодан нахоҳад, ба вай чизеро, ки шуморо дар бораи зӯроварӣ фикр кардан водор намудааст, фаҳмонед.

- Аз танаффусҳои нолозим даст кашед ва фақат баъди ба анҷом расонидани нақлаш барои шарҳдиҳӣ савол диҳед.
- Тавре рафтор намоед, ки мизоҷ фикр накунад, ки шумо ба вай бовар намекунед, ё вай ноҳак асту ҷинояткор бошад ҳақ. Бодиққат ба таассуроти вай гӯш андозед ва ӯро бовар кунонед, ки эҳсосоти вай узрнок аст.
- Бо ҷабрдида бо забони барояш фаҳмо сухан кунед; агар забони ҷабрдида бо забони таъминкунандаи хизматрасонӣ фарқ кунад, таъминкунандаи хизматрасониеро даъват намоед, ки забони ҷабрдидаро медонад, ё тарҷумоне, ки метавонад ба вай кӯмак расонад.
- Забон ва истифодаи калимаҳоро то дараҷаи фаҳмиши ҷабрдида мутобиқ намоед. Калима ва ифодаҳои касбие, ки метавонанд ҷабрдидаро саргум намоянд, истифода набаред.
- Саволу ифодаҳоро бо услуби созгор ва асоснок таҳия намуда, оҳанги хайрхоҳонаро истифода баред. Саволҳои кушодаро истифода баред ва саволҳоеро ба кор набаред, ки «барои чӣ» сар мешаванд, ки одатан, гуноҳи ҷабрдидаро дар назар доранд.
- Занро гунаҳгор накунед. Ба чунин саволҳое ба мисли «Барои чи шумо бо вай зиндагӣ мекунед?» «Шумо пеш аз рӯх додани зӯроварӣ асос доштед?», «Шумо худатон танҳо дар ин ҷо чӣ кор мекунед?», «Шумо чӣ гуна либос пушидаед» роҳ надиҳед. Ба ҷойи ин вайро бовар кунонед, ки ЗГ-ро таҳаммул кардан мумкин нест.
- Тасдиқоти ёридиҳандаро истифода баред, ба мисли «Ман афсӯс мехурам, ки бо шумо чунин ҳодиса рӯй додааст», «Шумо дар ҳақиқат ҳам изтироби зиёдеро аз сар гузаронидаед», ки занро барои кушодани иттилооти бештар ҳавасманд мекунанд.
- Таъкид намоед, ки зӯроварӣ айби ҷабрдида нест ва фақат ҷинояткор барои он ҷавобгар мебошад.
- Фаҳмонед, ки иттилоот махфӣ мемонад ва дар бораи ҳар гуна маҳдудиятҳои махфият ба вай хабар диҳед.
- Ба гуфтаҳои ҷабрдида бодиққат гӯш дода, ба чашмонаш нигоҳ кунед. Дар рафти сӯҳбат аз навиштан худдорӣ кунед.
- Ҳаракатҳои худро дуруст идора намоед. Аз он ки шумо чӣ гуна рост меистед ва дасту саратонро нигоҳ медоред, ифодаи рӯй ва оҳанги овозатон ифодагари он аст, ки шумо вазъиятро чӣ гуна қабул мекунед. Асоснок будан ва мавқеи дастгирикунандаро ишғол намоед ва ҳақиқати гуфтаҳои вайро тасдиқ намоед. Аз рафторҳое, ки асабоният, нобоварӣ, нофорамӣ, ё оташиниро нисбати ҷабрдида ифода мекунад, худдорӣ намоед.
- Маданият ё динро асоснок намуда, рафтори ҷабрдидаро маҳкум накунед.

**Чорабиниҳо**

Тартиби ичроиш ва амалишавии чорабиниҳо зина ба зина мувофиқи интервенсия гурӯҳбандӣ шудаанд. Дар ҳолате, ки принсипҳои мушаххаси роҳбарикунанда, протоколҳо ё таъиноти ҳуқуқӣ метавонанд тағйир ёбанд, идоракунӣ ва хизматрасонии тиббӣ ба ҷабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ бояд чорабиниҳои зеринро дар бар гиранд: ошкорсозӣ, баҳодиҳӣ, хизматрасонии тиббӣ (бо панҷ ҷузъи асосӣ), ҷамъоварии далелҳо, ҳуҷҷатгузории ЗГ ва равонасозӣ.

Тартиби ичроиши қисматҳо ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо ҷабрдидаи зуроварӣ метавонад тағйир ёбад, лекин ҳама гуна кӯмак аз ошкорсозӣ оғоз меёбад. Ҳар як муассисаи тандурустӣ қисматҳоеро, ки мувофиқи низомнома ва таъинотҳои ҳуқуқии муассиса вобаста шудаанд, ичро менамояд.

Дар ҳолати ҷой доштани далел ё шубҳа оиди дучор шудани мизоҷ ба зуроварии гендерӣ, корманди тиб бояд кӯшиш намояд, ки ба мизоҷ тамоми кӯмаки лозимӣ расонида шавад. Дар ҳама зинаҳои хизматрасонӣ махфият ва бехатарии мизоҷ бояд риоя шавад.

## Ошкорсозӣ

Қадами аввали ҳар як интервенсия ошкор намудани ҷабрдида мебошад; ин метавонад бо усулҳои гуногун ичро шавад: ошкоркунӣ аз тарафи хизматрасон, огоҳ намудани дигар хизматрасон/шахс ва худкушодашавии ҷабрдида. Ҳангоми ошкорсозӣ дар муассисаи тандурустӣ ду роҳи қулайи муайянсозии ЗГ истифода бурда мешавад: санҷиши умумӣ ва ошкоршавии ҳодисаҳо. Санҷиши умумӣ, ки ҳамчун санҷиши мунтазам низ маълум аст, сӯҳбати фардиро бо ҳамаи занон оид ба дучоршавии онҳо ба ЗГ дар назар дорад. Санҷиши умумӣ метавонад барои муассисаҳои тиббӣ душвор бошад, махсусан ҳангоми мавҷуд будани номгуи маҳдуди равонасозӣ, имкониятҳои маҳдуд барои эътинои самаранок ва аз ҳад зиёд банд будани захираҳо/хизматрасонҳо. Ошкорсозии ҳодисаҳо ё тафтишоти клиникӣ ба воситаи пурсиши занҳо оиди ЗГ, ошкорсозии ҳодиса, агар дорои аломатҳо/воқеаҳои муайяни клиникӣ ва муоинаи ӯ (ҳангоми зарурат), амалӣ мегардад. Тариқи дуюм, ки бо ақидаҳои селективӣ ва дақиқи клиникӣ асоснок шудааст, нисбатан самараноктар мебошад, махсусан дар ҳолате ки корманди тиб оиди вокуниш ва равонасозӣ омӯзонида шудааст.

Дар ҳар гуна ҳолат, қонеъ намудани талаботҳои тандурустӣ, ки метавонанд ба ҳаёт ё шахсияти ҷабрдидагон/шахсони дучоршудаи ЗГ таҳдид намоянд, бояд афзалиятнок бошанд. Мизоҷоне, ки дар шароити вазнини барои ҳаёт таҳдикунанда қарор доранд, фавран барои табобати таъҷилӣ фиристонед. Амалҳои минбаъда бояд барои осон намудани кушодашавии ЗГ ва ошкорсозии бехатару самаранок барои ҷабрдидаи ЗГ равона карда шаванд:

- Шахсро бо самимият ва меҳрубонӣ пешвоз гиред.

- Худатонро муаррифӣ намоед ва оиди ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва хизматрасонии муассиса кӯтоҳ маълумот диҳед.
- Аз ӯ хоҳиш намоед, ки худро муаррифӣ намояд (агар ҳолати ӯ ин имкониятро дорад).
- Аз мизоҷ пурсед, ки барои муоина розӣ ҳаст (хусусан дар ҳолати ҷой доштани зуроварии шаҳвонӣ)
- Ба мизоҷ имконият диҳед, ки суолҳои дар зеҳнаш пайдошудро бипурсад.
- Талаботҳои гуногуни гурӯҳҳои мухталифи аҳолиро ( масалан маъюбон, беморони руҳӣ, ходимони дин ва ғ.) ба назар гирифта кӯшиш намоед то ҳадди имкон кӯмак расонед.
- *Фазои боварибахш ва ҳамдардиро фароҳам сохта, мизоҷро бодиққат гӯш намоед ва суолҳои санҷишӣ диҳед (нигаред ба қисми Чӣ тавр бо ҷабрдидаи зуроварӣ бояд ҳамкорӣ кард).*
- Аз пушти парда ҳеҷ гоҳ оиди зуроварии гендерӣ суол накунед ( махсусан дар муассисаҳои тандурустӣ), шахси сеюм метавонад шунавад.
- Қабл аз муоина ба мизоҷ оиди амалҳои дар пешистода ва мақсади гузаронидани онҳо маълумот диҳед , то ки дар натиҷа ба мизоҷ боз осеби дигар нарасад.
- Хулоса бароред, ки пурсидан оиди дучоршавӣ ба зуроварӣ ҷоиз аст. Дар хотир дошта бошед, ки шахси ҳамроҳикунанда метавонад ҷабркунанда бошад ва суолҳо оиди зуроварӣ метавонанд ҷабрдидаро ба хатар гирифтор созад.
- Агар ба хулосае омадед, ки пурсидан ҷоиз аст, бо мақсади беҳбудии ташхис/ошкорсозӣ, расонидани кӯмак ва равонасозӣ, оиди дучоршавӣ ба зуроварии гендерӣ пурсед. *(нигаред ба қисми Чӣ тавр бо ҷабрдидаи зуроварӣ бояд ҳамкорӣ кард).*
- Шахси ҷабрдидаро танҳо нагузоред, махсусан дар ҳолате, ки шубҳа ва/ё эҳтимолияти суиқасд ба ҷон вуҷуд дорад.
- [illegible]

## Баҳодиҳӣ

Баъд аз ошкорсозии ҷабрдидаи зуроварии гендерӣ, корманди тиб бояд оиди амалҳои баъдӣ (кӯмак/ дастгирӣ, ҷамъоварии нишонаҳои исботкунанда, ҳуҷҷатсозӣ ва равонасозӣ) мувофиқи имкониятҳо, малакаҳо ва салоҳияти мавҷудбуда барои мубориза бо зуроварии гендарӣ хулосабарорӣ намояд. Бо дарназардошти баҳогузории талабот ва имкониятҳои шахси ҷабрдида, бояд қадамҳои баъдӣ оид ба кӯмаки тиббӣ ва чорабиниҳои пайдарҳам, нақша тартиб дода шавад.

- Доир ба хизматрасонӣ розигии ҷабрдидаро гирифтан ҳатмист. Агар сухан дар бораи кӯдакон ё шахсони имкониятошон маҳдуд меравад, розигии волидайн ё ворисро гирифтан лозим. Агар шахси ҷабрдида хондаву навишта наметавонад, аризаи огоҳишуда оиди розигӣ

барои ҷабрдида хонда шуда розигии шифоии ӯ гирифта мешавад (ин субот дар шакли махсуси розигии огоҳишуда ё навиштаҷоти тиббӣ қайд карда мешавад).

- Ба шахси ҷабрдида фаҳмонед, ки ӯ ҳуқуқ дорад интихоб намояд кадом маълумот ошкор карда ва кадом маълумот махфӣ нигоҳ дошта шавад.
- Ба шахси ҷабрдида дар хусуси паёмадҳо дар натиҷаи расонидани хабар ба дигар муассисаҳо/ хизматрасониҳо, маълумоти кофӣ диҳед.
- Доир ба вуҷуд доштани ҳуҷҷати ҳисоботдиҳии ҳатмии юридикӣ дар бораи хабар додан ба дигар муассисаҳои дахлдор оиди зуроварии гендерӣ ва ҳаҷми он, маълумоти аниқ пайдо кунед, агар ин имконпазир бошад.
- Ба ҷабрдидаи зуроварӣ оиди зуроварии гендерӣ ва оқибатҳои он барои саломатӣ маълумот диҳед.
- Боварӣ ҳосил намоед, ки ба ҷабрдида кӯмаки дуруст, самимӣ ва мақсаднок расонида мешавад.
- Аз ҷабрдида хоҳиш намоед бо суханони худаш дар бораи оне ки чӣ воқеа рӯй дод, дар бораи шахсе нисбати ӯ зуроварӣ кард, чӣ гуна зуроварӣ ва то чӣ дараҷа нақл кунад. Дар ҳолати равонасозӣ ба дигар зинаҳои хизматрасонӣ ин маълумот метавонад лозим шавад.
- Барои муайян кардани раванди иҷтимоӣ, оилавӣ ва шахсии ҷабрдида, ки ба ҳолати ӯ таъсир мерасонад, бояд талабот ва имкониятҳои ҷабрдида баҳогузорӣ карда шавад.
- Дар бораи кӯмак/дастгирии ҳатмӣ бо дарназардошти талабот ва интизориҳои ҷабрдида фикр намоед то ин ки аз ӯ муҳофизат намоед.

## Хизматрасонӣ/Дахолат

Баъд аз ошкорсозӣ ва баҳодиҳии ҳолати зуроварии гендерӣ, кормандони соҳаи тандурустӣ бояд муоинаи тиббӣ гузаронанд ва кӯмаки тиббӣ расонанд. Дар рафти муоинаи тиббӣ кормандони тиб бояд дар хотир дошта бошанд, ки ҷабрдидагони зуроварӣ хеле ҳассос буда метавонанд.

## Кӯмаки аввалия

- Ба гуфтаҳои ҷабрдида бетарафӣ зоҳир накарда, ҳақиқӣ будани суханони ӯро тасдиқ намоед.
- Густох набошед, кӯмаку дастгирии амалие, ки ҷабрдида ба он зарурат дорад, расонед.
- Дар бораи таърихи зӯроварӣ пурсон шавед, бодиққат гӯш намоед, вале ҷабрдидаро ба сухан гуфтан маҷбур накунед ( махсусан дар мавзуи хусусӣ дар ҳузури тарҷумон).
- Барои дастрасӣ ба кӯмак, махсусан кумаки ҳуқуқӣ ва дигар хизматрасониҳо, ки ба ҷабрдидаи зӯроварӣ метавонад лозим шавад, иттилоот диҳед.
- Дар ҳолати зарурӣ ба ҷабрдида кӯмак расонед, ки оиди бехатарии худ ва фарзандонаш чора андешад.
- Кумаки иҷтимоӣ расонед ваё барои гирифтани он мурочиат намоед.
- Машвaратро пушти дарҳои баста гузаронед.
- Махфиятро риоя намуда, ҳамзамон оиди ҳатмӣ будани расонидани бархе аз маълумотҳо ба муассисаҳои дахлдор ба ҷабрдида иттилоот диҳед.

## Анамнез ва муоина

- Аз ҷабрдида хоҳиш намоед бо суханони худаш дар бораи оне ки чӣ воқеа рӯй дод, нақл кунад.
- Дар бораи намуди зӯроварӣ, мӯҳлати давомнокӣ, истифодаи ягон намуди силоҳ, ҳамчунин рӯзу вақти содиршавии зӯроварӣ/зӯровариҳо маълумоти пурра ҷамъоварӣ намоед.
- Дониста бошед, ки як қатор ашхоси ҷабрдида қасдан аз гуфтани тафсилоти ноқулай худдорӣ менамояд
- Ба як қатор нишонаҳое, ки намуди зӯровариро шарҳ медиҳанд (масалан камобии бадан, ғизои носолим) диққат диҳед.
- Баъди ҷамъоварии анамнез, кормандони соҳаи тандурустӣ бояд муоинаи пурраи тиббӣ гузаронанд (бодиққат; дар ҳолати зӯроварии шаҳвонӣ – аз он ҷумла узвҳои ҷинсӣ) (Тавсияҳои 11 ТУТ 2013), бо риоя намудани принсипҳои умумии зерин:
  - Қабл аз муоина ба мизоҷ оиди амалҳои дар пешистода ва мақсади гузаронидани онҳо маълумот диҳед , то ки дар натиҷа ба мизоҷ боз осеби дигар нарасад, мизоҷро ба савол додан ташвиқ намоед.
  - Аз мизоҷ пурсед оё мехоҳад, ки ӯро духтури ҷинси зан муоина намояд (махсусан дар ҳолати зӯроварии шаҳвонӣ).
  - Мизоҷро танҳо нагузоред ( масалан дар ҳолати интизории муоина).
  - Аз ӯ хоҳиш намоед, ки пурра сару либосашро аз тан бадар намояд ва хилъати беморхонагиро ба тан гирад, то ин ки

ҷароҳатҳои пушида намоён шаванд.

- Вақте ки шумо ба муоинаи қисмҳои бадан барои дарёфт намудани нишонаҳои ҷисмонии зуроварӣ шурӯъ мекунед, сараввал ба қисмҳои урёни бадан назар кунед, баъдан аз ҷабрдида хоҳиш кунед, ки дигар қисмҳои баданро урён намояд. Аз яку якбора пурра бараҳна кардани мизоҷ худдорӣ намоед, чунки ин ба шахси ҷабрдида таҳқиромез буда метавонад.
- Махсусан ба қисмҳои бо либос ва муйҳо пушида диққат диҳед.
- Дар ҳолати дучоршавӣ ба зуроварии шаҳвонӣ тамоми қисматҳои бадан муоина карда шавад, на танҳо узвҳои ҷинсӣ ва қисмати шикам.
- Ҳам нуқсонҳои ночиз ва ҳам нуқсонҳои назаррас муоина карда шаванд.
- Бағайр аз ин ба ҳолати эҳсосотӣ ва рӯҳии ӯ аҳамият диҳед.
- Дар давоми муоинаи ҷисмонӣ ба мизоҷ фаҳмонед, ки айни замон шумо мехоҳед чӣ кор кунед ва барои ин аз ӯ иҷозат бигиред. Ба мизоҷ тамоми асбобҳо ва маводҳоро нишон дода, шарҳ диҳед.
- Мизоҷон метавонанд аз муоинаи ҷисмонӣ тамоман ваё қисман дасткашӣ кунанд. Пешниҳоди назорати муоина ба мизоҷ барои барқароршавии худи ӯ муҳим аст.

## Табобати клиникии осебҳо ва мушкилотҳои фаврии тиббӣ.

- Аз табобати ҷароҳатҳои сабук шурӯъ намоед. Ҳама гуна ҷароҳат бояд мувофиқи талабот тамиз карда шавад.
- Маводҳои зерини доруворӣ таъин карда мешаванд:
  - антибиотикҳо, бо мақсади пешгирии сироятшавӣ;
  - пешгирии кузоз (мувофиқи протоколҳои маҳаллӣ);
  - маводҳои доруворӣи дардпаскунанда, оромкунанда ё хобовар;
- Дар ҳолати зуроварии шаҳвонӣ, корманди тиб бояд хизматрасонӣ намояд ё ба дигар корманди тиб оиди расонидани кӯмак муроҷиат намояд. Барои:
  1. муоинаи раванди ҳомиладорӣ;
  2. пешгирии ҳомиладории номатлуб бо пешниҳод ё таъиноти маводҳои таъҷилии контрасептивӣ дар давоми 5 рӯзи аввали баъди зуроварии шаҳвонӣ, беҳтараш дар соатҳои авали баъди таҷовуз; як вояи 1,5 мг левоноргестрел, ё ду вояи 0,75 мг дар фосилаи 12-24 соат. Агар маводи левоноргестрел дастнорас аст, пас маводи омехтаи дорои эстроген-прогестерон ва мавод зиддиқайъкунӣ пешниҳод карда мешавад. Дар ҳолати дастнорас будани маводи истеъмолшаванда аз маводи

дохилирахмӣ барои шахсоне, ки аз нуктаи назари тиб тавсия дода мешавад, дар мӯҳлати 5 рӯзи аввали баъди зуроварии шаҳвонӣ метавон истифода бурд. Агар баъди зуроварии шаҳвонӣ зиёда аз 5 рӯз гузаштааст, ё контрасепсияи таъчилӣ натиҷа надод, ба ҷабрдидаи зӯроварӣ бояд исқоти ҳамли бехатар мувофиқи қонунгузории миллӣ гузаронида шавад;

3. кам кардани хатари сироятшавии ҷабрдида бо ВНМО ба воситаи пешгирии баъдииртиботии ВНМО дар давоми 72 соати баъди таҷовуз;
4. табобати пешгирикунандаи бемориҳои ба воситаи алоқаи ҷинсӣ сироятшаванда (сӯзок, хламидиоз, трихомониаз, сифилис). Маводи доруворӣ ва нақшаи табобат мувофиқи тавсияҳои миллӣ интихоб карда мешавад;
5. ваксинатсия зидди гепатити В бидуни иммуноглобулини гепатити В бояд мувофиқи тавсияҳои миллӣ гузаронида шавад; Статуси гепатит бояд қабл аз ворид кардани вояи якум, дар асоси намунаи хун баҳо дода шавад агар масуният мавҷуд бошад, зарурияти ваксинатсияи баъдина вуҷуд надорад.

- Дар ҳолати зарурат ё хоҳиш кардани ҷабрдида, кӯмаки иҷтимоӣ расонед ё барои гирифтани кӯмаки иҷтимоӣ муроҷиат намоед;
- Дар ҳолати зарурӣ ба ҷабрдида кӯмак расонед, ки оиди бехатарии худ ва фарзандонаш чора андешад (нигаред қисми Нақшаи бехатарӣ).
- Дар ҳолати зарурат нақшаи хизматрасонии тиббиро тартиб дода, ба таври лозимӣ хизматрасонӣ намоед.

## Баҳодиҳии ҳолати рӯҳӣ/равонӣ ва идорасозӣ.

Дар ҳолати зӯроварӣ аз тарафи шарики ҷинсӣ ва зуроварии шаҳвонӣ, тавсияҳои равонӣ вобаста ба вақт ба қисмҳои зерин ҷудо мешаванд:

- Дарҳол баъди зуроварии гендерӣ бо дарназардошти талаботҳои равонии ӯ, кӯмаки равонӣ расонида шавад: кӯмаки ниҳоӣ иборат аст аз ёрии амалӣ ва дастгирӣ, лекин ғайримаҷбурӣ; баҳо додани эҳтиёҷот ва ҳарос; кӯмак кардан барои муайян кардани талаботҳои ҳатмӣ (масалан ғизо ва об, иттилоот); гӯш кардан бидуни маҷбур кардан ба гап задан; тасаллӣ додан ва кӯмак кардан барои ором шудан; кӯмак кардан барои дастрасӣ ба иттилоот, хизматрасонӣ ва ёрии иҷтимоӣ; муносибати хайрхоҳона намуда оиди бартарафсозии стресс таъиноти хаттӣ намоед.
- То 3 моҳи баъди ҳодиса: кӯмаку дастгирии амалӣ бо дарназардошти талаботу эҳтиёҷот. Истифодаи “назорати зиракона” дар давоми 1-3 моҳи баъди ҳодиса, оиди оне, ки оё шахс депрессия надорад, ба истифодаи машруботи спиртӣ ва маводи нашъаовар даст назадааст, ноҷуриҳои равонӣ, қасди худкушӣ ё

бахудзарарrасонӣ надорад, дар ҳаракоти ҳаррӯза душвориҳо надорад. Агар ҷабрдида аломатҳои баъди таҷовуз ё дилхоҳ ноҷуриҳои рӯҳиро дорад, ба мутахасиссони соҳавӣ барои гирифтани кӯмаки рӯҳӣ/равонӣ муроҷиат намоед.

- Баъди 3 моҳи ҳодиса: ба ҳолати рӯҳии ҷабрдида баҳо дода, вобаста ба мушкилиҳои ҷойдошта ба мутахассисон равона намоед.

## Ҷамъоварии далелҳо.

Далелҳои зуроварии гендерӣ ҳатман аз тарафи корманди тиб, ки мувофиқи қонунгузорӣ ва қоидаҳои ҷамъоварӣ вазифадор ва омӯзонида шудааст, бояд ҷамъоварӣ карда шаванд. Дар рафти муоина ҳам намунаҳои клиникӣ ва ҳам экспертӣ бояд ҷамъоварӣ шаванд. Расонидани кӯмаки тиббӣ ва ҳуқуқӣ (экспертӣ) дар як вақт, дар як макон ва аз тарафи як шахс, шумораи муоинаҳоро кам намуда, ба муайян намудани эҳтиёҷоти шахси ҷабрдида мусоидат менамояд.

- Оиди муҳимият ва зарурати ҷамъоварии субутҳо маълумот диҳед.
- Аз ҷабрдида пурсед, ки оё мехоҳад субутҳои зуроварӣ ҷамъоварӣ шаванд.
- Боварӣ ҳосил намоед, ки иттилоот оиди ҷамъоварии субутҳо расонида шуда, дар асоси розигии маълумотнокшуда ва шаклҳои махсуси тандурустӣ гирифта шудаанд.
- Агар шароити мусоид барои ҷамъоварии субот ба ҳаҷми дар боло зикргардида вуҷуд надорад, аммо ҷабрдида хоҳиш дорад, ки субутҳо ҷамъоварӣ шаванд, ӯро ба муассисаи наздиктарин, ки метавонад ин иқдомро ба ҳаҷми зарурӣ иҷро намояд, равона созед. Ба ҷабрдида маълумоти дақиқ оиди хизматрасоние, ки дар ин ҳолат кӯмак мерасонад, диҳед.
- Оиди муҳимияти ҷамъоварии субот дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарини баъди зуроварӣ (масалан зуроварии шаҳвонӣ ) хотиррасон намоед
- Бо мақсади нигоҳдорӣ/ нобуд насохтани субутҳо чӣ кор бояд кард ва чӣ амалро набояд иҷро кард (масалан нашустан, либосро иваз накардан).
- Такроран таъкид намоед, ки маълумот ва субутҳо махфӣ мемонанд.
- Бо мақсади кам кардани хатари осеб ва масрафи вақт, агар имконият бошад амалиётҳои тиббию экспертиро ҳамзамон гузаронед.

## Баҳогузорӣ ва идорасозии хатарҳо.

Баҳогузорӣ ва идорасозии хатарҳо ба пастшавии хатар мусоидат мекунад. Нақшаи таъмини бехатарӣ як қисми интервенсия буда, ба вуқуъ омадани ҳодисаҳои баъдинаро пешгирӣ мекунад. Нақшаи таъмини бехатарӣ вобаста ба омилҳои хатар ва имкониятҳои ҷойдошта тартиб дода мешавад.

Барои тартиб додани нақшаи бехатарӣ, ошкорсозии омилҳое, ки ба такроршавии муноқиша ва рӯх додани зӯроварӣ оварда мерасонанд, зарур аст. Чӣ қадар, ки омилҳои водоркунандаи дучоршавӣ ба зӯроварии гендерӣ зиёд бошанд, ба ҳамон андоза хавфу хатари ҷабрдида меафзояд.

Омилҳои хатари мушоҳидашаванда:

- Ҳолатҳо/ҳодисаҳои зӯроварии гендерӣ дар гузашта нисбати ҷабрдида, фарзандон ва дигар аъзоёни оила. Рафтори номатлуб, истифодабарии шаклҳо ва воситаҳои зӯроварӣ, ҷиноятҳо ва шикоятҳо ба полис дар гузашта, истифода аз яроқ, ба ченакҳои баҳодиҳии дараҷаи хатар мансуб мебошанд.
- Рафтори бадқаҳрона берун аз оила.
- Қаҳрӣ будан ва ҷудошавӣ марҳилаҳои хатари баланд мебошанд.
- Якҷоясозии дигар аъзоёни оила бо шахсе, ки зӯроварӣ мекунад.
- Доштан ва/ё истифода бурдани қонунӣ ё ғайриқонунии яроқ ё таҳдиди истифода кардан аз яроқ.
- Истифода аз машруботи спиртӣ ва маводи нашъаовар ба ноустувории рафтор ва содир намудани зӯроварӣ мусоидат мекунад.
- Таҳдид кардан, аз ҷумла таҳдид ба марг аҳамияти ҷиддӣ дорад.
- Рашки аз ҳад зиёд ва ҳамчун моликияти шахсӣ ҳисоб кардан.
- Мафкураи патриархалӣ оиди муносибатҳо.
- Думболагирӣ ва хушунати равонӣ расонидан.
- Риоя накардани маҳдудиятҳои аз тарафи мақомотҳои судӣ ё полис додашуда.
- Сабабҳои эҳтимолие, ки ба ногаҳон сар задани зӯроварӣ оварда мерасонанд (тағйиротҳо дар муносибат).

Нақшаи нахустини бехатарӣ тартиб дода шуда, дар ҳолати зарурӣ пешниҳод ва ба таври бехатар ташкил карда шавад.

- Рӯйхати шахсоне (дӯстон, ҳамсояҳо), ки дар ҳолати зарурӣ даъват карданашон мумкин ё шахсоне, ки ба муддати якчанд рӯз бо

манзили зист таъмин карда метавонанд.

- Муайян кардани як ё якчанд ҳамсоягоне, ки оиди зуроварӣ ба онҳо гуфтан мумкин бошад ва аз онҳо кӯмак хостан дар ҳолати шунидани овозҳои шубҳаноки хавотиромез.
- Машқ кардани бехатар беруншавӣ аз хона
- Лавозими заруриро ҷамъ намуда дар ҷое гузоред, ки дар ҳолати фавқулодда гирифтанаш қулай бошад.
- Ҳиссиёт ва ақли худро ба кор андозед. Дар ҳолати хатарнокии вазъият оиди иҷро намудани хоҳиши шахси зараррасон бо мақсади ором намудани ӯ андеша намоед. Шумо ҳуқуқи муҳофизат аз худ ва фарзандони худро доред.
- Оиди имкониятҳои муроҷиат кардан барои кӯмакҳои баъдӣ ба дигар таъминкунандагони хизматрасонӣ андеша намоед.
- Дар хотир дошта бошед, шумо лоиқи лату куб кардан ва таҳдид шудан нестед.

## Ҳуҷҷатгузорӣ.

- Маълумотро оиди шахси ҷабрдида ҷамъоварӣ ва сабт намоед, аз ҷумла: демографӣ (масалан ном, синну сол, ҷинс), ризоият, анамнез (таърихи умумии тиббӣ ва гинеколог ӣ), ҳисобот оиди ҳодиса, натиҷаи муоинаи ҷисмонӣ ва таҳлилҳо, нақшаи табобат, маводҳои дорувории додашуда ё таъинотшуда, сатҳи маълумотнокии ҷабрдида ва иттилооти додашуда, равонасозӣ.
- Маълумоти пурра оиди зуровариии гендерӣ ҷамъоварӣ ва сабт намоед, аз ҷумла:
    - далелҳои исботкунандаи ҷинояти дарназардошта;
    - таърихи дигар ҳодисаҳо, аз ҷумла бо дигар шарикони ҷинсӣ;
    - муносибатҳои байни ҷабрдида ва ҷинояткор
    - шакли зуроварӣ ;
    - шоҳидони ҳодиса, аз ҷумла фарзандон;
    - истифода аз силоҳ буд (кадом намуд ва чӣ гуна);
- Барои маълумоти пурра ва муфассал оиди захму ҷароҳатҳо, аз шаклҳои махсус ва харитаи бадан истифода намоед.
- Бағайр аз ин ба ҳолати рӯҳию равонии ӯ аҳамият диҳед.
- Қайд намоед он чиро, ки ҷабрдида бо суханони худ мегуяд.
- Шубҳаҳои худро дар асоси далелҳои мавҷудбуда қайд намоед.
- Ба ҷабрдидаи зуроварӣ оиди истифодабарии маълумоти сабтшуда иттилоот дода, доир ба ин ризоияти ӯро гиред.

- Тамоми маълумотҳоро дар ҷойи бехавф ва махфӣ нигоҳ доред. Принсипҳои роҳбарикунанда ва ҷоришудаи ҳар як давлат ҳаҷми маълумотҳои ҷамъоваришавандаро муайян мекунанд.
- Барои қайдкунӣ ва воридсозии маълумотҳо ба системаи ҷамъоварии маълумотҳо вақти кофӣ ҷудо намоед.

## Равонасозӣ

Системаи тандурустӣ ва таъминкунандагони хизматрасониҳои тиббӣ аксар вақт нахустин мутахассисоне мебошанд, ки бо ҷабрдидагони зуроварӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Ба ин восита таъминкунандагони хизматрасониҳои тиббӣ метавонанд ҷабрдидагони зуровариро ба дигар мутахассисони соҳаи тандурустӣ дар ҳудуди як муассиса ё дигар муассисаҳо ва/ё дигар таъминкунандагони хизматрасонӣ (полис, хизматрасониҳои махсусгардонидашуда, ҳифзи иҷтимоӣ в а д.ғ) равона созанд. Ба ҳамин шакл мутахассисони соҳаи тандурустӣ ба ҷабрдидагони зуроварии аз тарафи дигар таъминкунандагони хизматрасонӣ равонасохта метавонанд хизматрасонӣ намоянд. Ҷабрдидагон/шахсони дучоршудаи зуроварии гендарӣ талаботҳои мухталиф ва мураккаб доранд, аз ин рӯ эҳтиёҷ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои амиқи байнисоҳавӣ ба воситаи равонасозии самаранок таъмин карда мешавад.

**Равонасозии босамар аз таъминкунандагони хизматрасониҳои тиббӣ талаб мекунад.**

- Доштани малакаи пай бурдан ва ошкор сохтани зуроварии гендерӣ, ҳамчунин мусоидат намудан ва расонидани кӯмаки аввалия.
- Доштани малакаи баҳодиҳии инфиродии вазъият ва эҳтиёҷоти мизоҷ. Дар ҳолати муайян кардани хатарнокии баланди вазъият, ҷабрдида ба интервенсияи фаврӣ ба монанди кӯмаки фаврии тиббӣ ё равонӣ ва/ё бошишгоҳ ниёз дорад. Дар ҳолати ҷой доштани вазъияти хатарнокиаш пасттар, беҳтараш мизоҷ барои гирифтани кӯмаки иҷтимоӣ, равонӣ ва ҳуқуқӣ равона карда шавад.
- Маълумот доштан оиди ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрӣ доир ба зуроварии гендерӣ, аз ҷумла мафҳумҳои вобаста ба ҷиноят, амалҳои муҳофизатӣ ва ҳисоботӣ. Маълумотҳои зерин дар доираи уҳдадориҳои касбию вазифавӣ кофият мекунад.
- Гирифтани ризоияти ҷабрдида қабл аз иттилоот додан ба дигар муассисаҳо ва таъминкунандагони хизматрасонӣ бо риоя намудани махфият. Ҳолатҳое шуданаш мумкин, ки иттилоот додан ба дигар муассисаҳои дахлдор ҳатмист гарчанде, ки мизоҷ ба ин зид бошад.

**Бахри таъмини равонасозии босамар, зина ба зина бояд иҷро**

**шаванд:**

- Мунтазам навсозии рӯйхати муассиса/ташкилотҳое, ки ба шахсони ҷабрдидаи зуроварӣ хизматрасонӣ мекунанд. Дар рӯйхат бояд номи пурраи муассиса, шахси ҳамкорикунанда, суроға ва дигар маълумотҳо оиди намудҳои хизматрасонӣ дарҷ шуда бошанд.
- Вобаста ба эҳтиёҷот ва хоҳиши ҷабрдидаи зуроварӣ муайян намоед, ки ба кадом муассиса равонасозӣ лозим аст.
- Ба мизоҷ фаҳмонед, ки имконияти равонасозӣ ба дигар таъминкунандагони хизматрасонӣ бо хоҳиш ва/ё зарурат вуҷуд дорад.
- Барои равонасозӣ ва қабл аз равонасозӣ ризоияти ҷабрдидаро гиред.
- Аз ҷабрдида пурсида аниқ намоед, ки кадом иттилоот ба дигар таъминкунандагони хизматрасонӣ пешниҳод ва кадом иттилоот махфӣ бимонад (қайд кунед мувофиқи кадом қонунҳои идоракунӣ/ маҳдудият).
- Ба ҷабрдида иттилооти пурра ва дақиқ оиди таъминкунандагони хизматрасонӣ диҳед, мувофиқи нақшаи зерин:

**КӢ** – кадом муассиса/ташкилоте, ки ба ҷабрдидагони зуроварӣ хизматрасонӣ мекунад, ҳамчунин воситаҳои алоқа ва ҳамкорӣ (ном, рақами телефон) бо ӯ, барои истифодаи хизматрасонӣ.

**ЧӢ** – чӣ гуна ва ҳаҷми кӯмак, аз кӣ ва бо чӣ қадар масраф вобаста ба истифодабарӣ аз хизматрасонӣ.

**ДАР КУҶО** – маҳалли аниқи ҷойгиршавии хизматрасонӣ.

- Равонасозӣ мувофиқи интихоби ҷабрдида иҷро шавад.
- Равонасозиро бо маълумоти мухтасари хаттӣ ва алоқаи телефонӣ бо дигар мутахассиси хизматрасон пурра намоед. Ин барои бартарафсозии такроран ҷавоб додан ба саволҳо ва тасвир намудани ҳодиса, ки ба ҷабрдида осеби равонии такроршаванда мерасонад, зарур аст.
- Ба ҷабрдида кӯмак расонед, ки самти интихобнамудаашро мустақилона амалӣ намояд.
- Агар зарур ва мумкин бошад, ҷабрдидаро то маконӣ хизматрасонӣ ҳамроҳӣ намоед.
- Ба ҷабрдида фахмонед, ки ӯ метавонад барои гирифтани ёрии иловагӣ ба муассиса баргардад. Ин масъаларо метавонед дар боздиди оянда хотиррасон намоед.
- Ба ҷабрдида нақшаи чорабиниҳои тиббии баъдинаро шарҳ диҳед.
- Бо мақсади амалисозии чорабиниҳои банақшагирифта, аз воситаҳои алоқа бо ҳамдигар маълумот дошта бошед.
- Хизматрасониро ба итмом расонед дар ҳолате, ки ба натиҷаҳои беҳтарин ноил гаштед (ҷабрдида ба дигар таъминкунандаи

хизматрасонӣ равона карда шуд) ё дар ҳолате, ки эҳтиёҷот / хоҳиши ҷабрдида / шахси дучоршудаи зӯроварӣ тағйир ёфт.

- Оиди раванди равонасозии ҷабрдидагони зӯроварӣ, бо таъминкунандагони хизматрасонӣ / муассисаҳо шартнома баста, бо нишондоди вазифаҳои ҳар як муассиса пайнавис тартиб диҳед.
- Бобати ҳамоҳангсозӣ ва мубодилаи ахборот ва роҳхатҳо байни таъминкунандагони хизматрасонӣ / муассисаҳо бояд ба маълумоти кормандон расонида шавад.

**Вазифаи ёвари иҷтимоӣ.**

Ёвари иҷтимоӣ барои расонидани кӯмак ва таъмини бехатарии ҷабрдида ва фарзандони ӯ дар оила масъул мебошад. Амалҳои ёвари иҷтимоӣ дар ҳолатҳои зӯроварӣ дар хона:

- Ба ҷабрдида иттилоот додан оиди ҳуқуқҳои ҳимоятӣ ва хизматрасониҳо ва дар ҳолатҳои зарурӣ роҳнамоӣ намудан то муассисаҳои махсусгардонидашуда;
- Додани маълумот оиди гирифтани амри муҳофизатӣ;
- Бо дарназардошти фикру мулоҳизаи ҷабрдида ва гирифтани розигии ӯ кӯмак расонидан;
- Риоя намудани махфият оиди маълумотҳои ба ҷабрдида тааллуқдошта ва шахси хушунаткунанда;
- Махфият метавонад риоя нашавад дар ҳолати розигии худи ҷабрдида ё шахси хушунаткунанда;
- Дар асоси қабул ва риоя намудани ҳуқуқҳои ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила, бо дарназардошти пасомадҳои равонӣ ва ҳуқуқӣ амал кардан лозим аст.
- Риоя намудани ҷавобгарӣ ва масъулияти ҷиддӣ дар муносибат бо ҷабрдидагони зӯроварӣ ва фарзандони ӯ.

**Оиди пешгирӣ намудани зӯроварӣ дар оила.**

**Ёрии аввалиндараҷа**

**1. Дарёфт намудан.**

Ёвари иҷтимоӣ бояд:

- Дарёфт намудан ва ба қайдгирии оилаҳои аз гӯрӯҳи хавфнок, ки метавонад ҳодисаҳои хушунат дида шавад;
- Мониторинги оилаҳои аз гӯрӯҳи хавф мунтазам бурда шавад;
- Таъминоти бақайдгирии дарёфтшудагон ё ки ходисахои интиқолшудагон;

Риоя намудани Қонун оиди муҳофизат намудани маълумоти шахсӣ дар рафти ҳуҷҷатгузории ҳодисахои зӯроварӣ дар оила, инчунин дар рафти равонасозии байнисоҳавии онҳо.

**2. Дахолат дар ҳолати бухронӣ (кризисӣ).**

Ёвари иҷтимоӣ бояд:

- Фавран оиди хушунат дар оила ба сохтори корҳои дохила хабар диҳад;
- Ҳангоми зарурат, хизматрасонии тиббии таъҷилӣ (03) истифода барад ё интиқол намудани шахси ба зуроварӣ гирифторшударо ба муассисаҳои тиббӣ талаб намояд.
- Ба шахси ба зуроварӣ гирифторшуда оиди гирифтани кӯмаки ҳуқуқӣ бо забони оддии оммафаҳм маълумот додан, дар ҳолате, ки шахси ба хушунат гирифторшуда ба сохторҳои корҳои дохила ариза дода натавонад, бо хоҳиши зан, ёвари иҷтимоӣ аз номи шахси ҷабрдида метавонад ариза диҳад.
- Муайян намудани ноболиғони ба хушунат гирифторшуда ё шоҳидоне, ки дар ҳолатҳои бухронӣ ба ёрӣ муҳтоҷанд ва фавран хабар додан ба сохторҳои дахлдор, шурои ҳимоякунанда ва парасторон;
- Маълумот додан ба ҷабрдида оиди гирифтани хулосаи экспертизаи тиббии-судӣ, ки салоҳияти тасдиқкунанда дорад.
- Ҳодисаҳоро ба қайд гирифта, ҳуҷҷатгузорӣ намудан;
- Ба шахси ҷабрдида машварати фаврӣ додан;
- Маълумот додан ба шахси ҷабрдида оиди ҳуқуқҳо ва хизматрасониҳои тиббӣ, ки у метавонад истифода барад;
- Кӯмак кардан барои ҷойгир намудани ҷабрдида ва фарзандҳои ӯ ба муассисаю марказҳои махсусгардонидашуда ё дигар маконҳои бехавф;
- Таҳияи нақшаи бехатарӣ дар якҷояги бо шахси ҷабрдида ва сохторҳои корҳои дохила дар ҳолати такроран сар задани зуроварӣ;
- Додани маълумот ба ҷабрдида оиди табобати махсуси хушунаткор, аз ҷумла дар муассисаҳои тиббӣ ё наркологӣ.

**3. Баҳодиҳии тартиботӣ ва ҳалли ҳодисаҳо.**

Ёвари комунитарии иҷтимоӣ бояд:

- Баҳодиҳии фаврӣ оиди ҳолати иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва моддии ҷабрдида ва расонидани кӯмак барои истифодабарӣ аз хизматрасониҳо ва кӯмаки иҷтимоӣ;
- Таҳияи нақшаи инфиродӣ дар якҷоягӣ бо ҷабрдида бо риояи хусусиятҳои иҷтимоӣ;
- Ташкили гӯрӯҳи байнисоҳавии тартиботӣ бо мақсади ҳалли ҳодисаҳо;
- Муайян намудани тартиби хизматрасониҳо ва таъмини бехатарӣ ба ҷабрдида ва фарзандони ӯ ва равонасозӣ ба ин муассисаҳо;
- Ҳамкории бевосита бо бошишгоҳҳо бо мақсади таъминоти интегратсияи ҷабрдида ;
- Равонасозии ҷабрдида ба шуъбаҳои шуғли аҳолӣ бо мақсади

таъминот бо ҷои кор, тахассус ва таҳсилот.

- Бақайдгирӣ дар муассисаҳои махсусгардонидашудаи сатҳи маҳаллӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ бо мақсади додани маълумот ба шахсони ҷабрдида оиди хизматрасониҳои тиббӣ ва ҳуқуқӣ, ва ҳангоми вуҷуд надоштани муассисаҳои махсусгардонидашуда, интиқоли парванда ба сатҳи вилоятӣ ё дигар ноҳияҳое, ки муассисаи махсусгардонидашуда вуҷуд дорад.

**Нақшаи инфиродии бехатарӣ барои заноне, ки ба зуроварии шаҳвонӣ аз тарафи ҳамхоба ё дигар аъзоёни оила гирифтор шудаанд .**

Мизоҷ ______________________Таъминкунандаи хизматрасонии тиббӣ _________________________________________________________________

Сана__________________баҳодиҳии такрорӣ (санаҳо) _____________

1. Агар бехатарии ман ва фарзандонам дар хона дар хавф аст, пас ман метавонам ба __________________________________________________ муроҷиат намоям, ё ______________________________________________ (ҳалли масъаларо дарёбед, ҳоло он ки шумо ҳодисаи зуроварии такрориро интизор нестед).
2. Дар ҳолати зӯроварӣ ё хавф, баромади бехатар ба ҳисоб меравад:____________________________________________________________ __________________(ба мисоли: дару тирезаҳо, лифт, зинапоя, баромади садамавӣ ман метавонистам онҳоро истифода барам).
3. Агар ҳолати ҷанҷоли хомуш нагардад, ман ҳаракат мекунам, ки ин ҳолат дар ҳуҷрае бошад , ки ман тавонам баромада равам.
Инчунин, ман ҳаракат мекунам, ки он ҳуҷра бе доштани ягон яроқи ҷангӣ бошад.
4. Ман метавонам ҳолати хушунатро ба шахсоне огоҳ намоям, ки ҳангоми шунидани ягон овозҳои шубҳаомез дар хонаи ман, онҳо тавонанд сохторҳои корҳои дохиларо даъват кунанд: ____________________________________________________________
5. Бо мақсади талабидани ёрӣ, ба фарзандонам ё дустонам, ман метавонам тариқи ишоравӣ , ба монанди ҳарф, аломат ё ки ишоракунӣ истифода барам. _____________________________________
6. Агар ҳамшарики манн бо манн якҷоя зиндагӣ накунад, пас ман метавонам барои бехатарии худ шароит муҳайё созам (бо ташкил намудани қулфу калид, воситаҳои хабардиҳӣ ва ғайраҳо). __________________________________________________________.
7. Ман метавонам ҷузъдони бехатариро нигоҳ дорам (дар хона/ дар хонаи дустонам): ___________________________________________
8. Бо мақсади зуд аз хона баромадан, ба ман лозиманд (маводҳо дар ҷузъдони бехатарӣ):
    - ☐ Маблағ ба миқдори кофӣ

- Қулфу калиди иловагии хона ё ки автомашина
- Либосвории иловагӣ
- Маводҳои риоякунии гигиенӣ
- телефони мобилӣ, рақамҳо ва кортҳои телефонӣ
- ҳуҷҷатҳои тиббӣ
- ҳуҷҷатҳои лозима / кортҳо (шиноснома / шаҳодатномаи шахсӣ, корти тиббии суғуртавӣ ва ғайраҳо)
- бозичаҳои дустдоштаи фарзандонам
- дигарҳо, ________________________________________________

9. Таъминкунандаи хизматрасонии тиббӣ ба ман маълумот дод, оиди:
   - Барои рафтори ношоями ҳамшарикам, ман ҷавобгар нестам, лекин ман метавонам бехатарии худам ва
   - фарзандорнамро беҳтар намоям.
   - Ман ва фарзандонам ба ҳаёти бехавф сазоворем ва барои ин ҳуқуқ дорем.
   - Хушунат ин ҷиноят аст, ва барои ин ҳолат ман метавонам ба
   - сохтори корҳои дохила хабар диҳам.
   - Қарорҳои судии маҳдудкунанда\ манъкунанда вуҷуд дорад,
   - ва ман метавонам аз онҳо истифода барам.
   - Ҷойҳои махсус вуҷуд доранд, ки ман метавонам аз онҳо кӯмак талаб намоям: __________________________________

10. Таъминкунандаи хизматрасонии тиббӣ пешниҳод намуд, ки ман метавонам дар дигар таъминкунандагони хизматрасонӣ мурочиат намуда кӯмак гирам: ________________________________________

11. Ман метавонам нақшаи бехатариро бо мақсади бехатарии худ ё фарзандонам бо худ нигоҳ дорам: ______________________________

**Шарҳи мафҳумҳо**

Мафҳумҳои гуногун метавонанд шахсияти инсонеро, ки дар ҳаёташ ба зуроварӣ гирифтор шудааст, муайян намоянд. Мафҳумҳо мувофиқи лаҳзае, ки мутахассис бо шахси ҷабрдида вомехӯрад, интихоб карда мешаванд. Шахси ранҷкашида, ҷароҳат бардошта ё кушташуда дар натиҷаи зуроварӣ ё шахсеро, ки худро дар муқобили муносибати бераҳмона ва бадбахтӣ нотавон ҳис мекунад, «ҷабрдидаи зуроварии гендерӣ» номидан дуруст аст. Мафҳуми «шахси дучоршудаи зуроварии гендерӣ» шарҳ медиҳад, ки шахс ба кӯмак эҳтиёҷ дорад, кушиш мекунад осеби гирифтаашро ӯхда намояд ва худро муҳофизат намояд, шахсе ки барои барқарорсозии шахсият ва ҳаёти худ мубориза мебарад. Вале дар анҷом шахси дучоршудаи зуроварии гендерӣ ҳамзамон ҷабрдидаи зуроварии гендерӣ шуда метавонад. Баъзан вақт, вобаста ба намуди хизматрасонӣ, мафҳуми «мизоҷ» низ истифода бурда мешавад. Мақсаду вазифаҳои интервенсияи байнисоҳавӣ ва равонасозиро баҳри бартарафсозии зуроварии гендерӣ ба назар гирифта, дар ҳарду ҳолатҳо мафҳуми «шахси дучоршудаи зуроварии гендерӣ» истифода бурда мешавад.

**Зуроварӣ дар оила / зуроварӣ аз тарафи шарики ҷинсӣ**

Ҳама гуна зуроварии ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, равонӣ ё иқтисодие, ки дар оила ё ҷойҳои ҷамъиятӣ аз тарафи аъзоёни оила ё шарики ҷинсӣ, ҳамсар ё собиқ шарики ҷинсӣ новобаста аз оне ки якҷоя зиндагӣ мекунанд ё мекарданд, содир карда мешавад (Шурои Аврупоӣ, Конвенсия оиди пешгирӣ ва мубориза бо зуроварӣ нисбати занон ва зуроварӣ дар оила, СДСЕ №210).

**Никоҳи ноболиғон**

Никоҳи расмӣ ё муносибатҳои ғайрирасмӣ дар синну соли ғайриқонунӣ байни писарону духтарон воқеаи ҳақиқӣ буда, аксар вақт духтарон бештар азият мешаванд (ЮНИСЕФ, Никоҳи ноболиғон, 2012).

**Хизматрасониҳои асосӣ**

Маҷмӯи хизматрасониҳои асосӣ ва зарурӣ барои таъмини ҳуқуқҳо, бехатарӣ ва беҳдоштии ҳар як зан, духтар ё кӯдаке, ки ба зуроварӣ нисбати занон дучор гаштааст. Дар ҳоле ки хизматрасониҳои асосӣ дар кишварҳо ва маҳалҳои мухталиф ба шаклҳои гуногун расонида мешавад, новобаста ба ин дар тамоми сатҳҳо ҳамгироии хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ, дастгирӣ, таъминот ва беҳдошти иҷтимоӣ, хизматрасонии мақомотҳои давлатӣ ба монанди полис ва ҳифзи ҳуқуқ ба назар мерасад.

**Зуроварии гендерӣ**

Шакли табъиз, ки имконияти занонро дар ҷодаи истифода аз ҳуқуқҳо ва озодӣ дар баробари мардон маҳдуд менамояд. (Конвенсияи СММ оиди бартараф намудани хама гуна табъиз нисбати занон (CEDAW), Тавсияи умумии № 19 оиди зуроварӣ нисбати занон, б.1).

**Таъминкунадагони хизматрасониҳои ҳуқуқӣ**

Ба онҳо дохил мешаванд: кормандони давлатӣ / ҳукуматӣ, суд, прокуратура, корҳои дохила, мушовирони юридикӣ, маъмурияти судӣ, адвокатҳо, ёварони адвокатҳо, кормандони муассисаҳои кӯмакрасон ба ҷабрдидагон / шахсони дучоршуда ба зӯроварии гендерӣ, муассисаҳои иҷтимоӣ.

**Ҳисоботҳои ҳатмӣ**

Дахл дорад ба қонунгузории баъзе кишварҳо , ки аз мутахассисон ва/ё шахсони алоҳида додани иттилоот (ба органҳои ҳифзи ҳуқуқ) оиди ҳама гуна зуроварии рухдода ё эҳтимолӣ дар оила, ё зӯроварӣ аз тарафи шарики ҷинсиро талаб менамояд. Дар бештари кишварҳо ҳисоботдиҳии ҳатмиро оиди муносибати бераҳмона нисбати кӯдакон ва ноболиғон дар мадди аввал гузошта, дар дигар кишварҳо зуроварӣ аз тарафи шарики ҷинсиро низ дар бар мегирад.

**Шахсе, ки зӯроварӣ содир мекунад**

Шахс, гурӯҳ ё ташкилоте, ки зуровариро бар зидди ҳоҳиши одамон бевосита дастгирӣ мекунад ё ба амал меорад. (IASC, 2005, Принсипҳои роҳбарикунанда оиди зуроварии гендерӣ дар амалҳои башардӯстона: махсусан пешгирӣ ва эътино ба зуроварии шаҳвонӣ дар ҳолатҳои фавқулодда).

**Таҷовуз/ ҳаракати таҷовуз намудан**

Ворид кардан тариқи зуроварии ҷисмони ё дигар намуди зӯроварӣ – ҳатто ба андозаи ночиз - ба даҳлези маҳбал ё рӯдаи рост бо истифода аз олоти ҷинсии мардона , дигар қисмҳои бадан ё ашъёҳо. Ин гуна ҳаракатҳо таҷовуз ҳисоб карда мешаванд (ТУТ, Ҳисоботи умумиҷаҳонӣ оиди зуроварӣ ва саломатӣ).

**Равонасозӣ**

Раванди вохӯрӣ ва сӯҳбати зан бо мутахассиси инфиродӣ ё муассиса вобаста ба масъалаи ӯ, роҳнамоӣ ва муносибати мутахассисон оиди ҳалли масъала бо мақсади дастгирии ҳамаҷониба. Шарикон дар системаи равонасозӣ одатан дигар муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳои занона, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои тиббӣ ва дигар

корхонаҳоро дахлдор месозанд (ЮНФПА 2010).

**Системаи равонасозӣ**

Базаи моддию комплексӣ, ки муассисаҳои гуногунро бо оинномаҳои махсус ва дақиқ, фаъолият ва ваколатҳо дар доираи ҳамкорӣ, бо мақсади таъмини бехатарӣ ва кӯмак ба ҷабрдидагон / шахсони дучоршудаи зӯроварии гендерӣ, кӯмак барои барқароршавии пурра, васеъ намудани ҳуқуқҳо ва имкониятҳо, пешгирии зӯроварии гендерӣ ва пайгирии ҷинояткорон, бо ҳамдигар пайваст менамояд. Механизми равонасозӣ дар алоқаи зич ва сифатнок фаъолият намуда, роҳнамоӣ бо қадамҳои дуруст ва оддиро пешниҳод менамояд (ЮНФПА 2010).

**Ҳисобот оиди ҳодисаҳои зуроварии гендерӣ**

Ошкорсозии ҷабрдида / шахси дучоршудаи зӯроварии гендерӣ тавассути таъминкунандаи хизматрасонӣ ба дигар таъминкунандаи хизматрасонӣ, мубодилаи маълумотҳо оиди ҳодисаи ЗГ бо дигар муассиса/ташкилотҳо дар раванди равонасозӣ. шахси ҷабрдида. Маълумотдиҳӣ оиди ҷабрдида танҳо бо розигии ӯ, бо истиснои баъзе ҳолатҳо, дода мешавад.

**Таҳқир / зуроварии шаҳвонӣ**

Ҳама намуди алоқаи ҷинсӣ, кӯшиш ба алоқаи ҷинсӣ, алфоз, ҳаракатҳо ё бозиҳои шаҳвонӣ, ки бар зидди хоҳиши як шахс аз тарафи шахси дигар, новобаста аз муносибати онҳо бо ҷабрдида / шахси дучоршудаи зӯроварии гендерӣ дар шароитҳои мухталиф, на танҳо дар хона ё ҷойи кор (ТУТ, Ҳисоботи умумиҷаҳонӣ оиди зуроварӣ ва саломатӣ).

**Истисморкунии шаҳвонӣ**

Ҳама гуна суиистифода ё кӯшиш ба суиистифода кардан аз ҳолати ҳассос, мансаб ё боварӣ, бо мақсади шаҳвонӣ, на танҳо барои дарёфти маблағ, манфиати сиёси ё иҷтимоӣ ба воситаи истисмори шаҳвонии шахси дигар (Бюллетени Генералии СММ оиди мухофизат аз истисморкунии шаҳвонӣ (PSEA) (ST/SGB/2003/13).

**Савдои одамон**

Ҷалбкунӣ, расонидан, супоридан, пинҳонкунӣ ё қабули одамон ба воситаи таҳдид, истифоди қувва ё дигар намуди зӯроварӣ, дуздӣ, қаллобӣ, фиребгарӣ, суистифода аз мансаб ё вазъияти ҳассос, инчунин бо роҳи харидан дар намуди маблағ ё манфиат, барои гирифтани розигии шахсе, ки шахси дигарро таҳти назорат гирифтааст, бо мақсади суиистифода. Истисморкунӣ дар бар мегирад истисмори шаҳвониро, меҳнат ё хизматрасонии маҷбурӣ, ғуломдорӣ ё урфу одатҳои монанди ғуломдорӣ, ҳолатҳои маҷбури/ғайриихтиёрӣ ё гирифтани узвҳоро. (Суратчласа оиди пешгирӣ ва муқовимат бо савдои одамон аз Конвенсияи СММ зидди ҷинояткории

муташаккилонаи байналмиллалӣ).

## Зуроварӣ нисбати занон

Ҳама гуна зӯроварӣ дар самти гендерӣ, ки ба осебияти ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, равонӣ ё ба азобу мушаққати занон оварда мерасонад, ҳамчунин хатари маҷбури ё худсарона маҳрум шудан аз озодӣ, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ё шахсӣ (Деклорасияи СММ оиди бартарафсозии зуроварӣ нисбати занон. Нью-Йорк, СММ, 1993). Он дар бар мегирад шаклҳои мухталифи зуровариро нисбати занону духтарон, ба монанди зуроварии шаҳвонӣ аз тарафи шарики ҷинсӣ, аз тарафи шахси дигар, савдои одамон, урфу одатҳои хатарнок ба монанди озеби узвҳои занонаи ҷинсӣ.

## Амалияҳо / ҳуҷҷатҳо доир ба мавзӯъ


Ҷаласаи 57-уми Комиссия оид ба мавқеи занон (2013), Резолютсия: Пешгирӣ ва барҳам додани ҳама гуна табъиз нисбати занон ва духтарон (E/2013/27).

IASC (2005), Принсипҳои роҳбарикунанда барои интервенсияи ЗГ дар ҳолатҳои башардӯстона: пешгирӣ ва эътино нисбати зуроварии шаҳвонӣ дар ҳолатҳои фавқулодда.

ЮНФПА (2001), Назарияи амалӣ ба зуроварии гендерӣ: Дастурамал оиди таҳиясозии барномаҳо барои таъминкунандагони хизматрасониҳои тиббӣ ва роҳбарон.

ЮНФПА, WAVE (2014), Мустаҳкамсозии эътинои соҳаи тандурустӣ ба зуроварии гендерӣ дар Европаи Шарқӣ ва Осиёи Миёна, Бастаи захираҳо.

СММ Занҳо, Хазинаи кӯдакони СММ, Хазинаи нуфуси СММ (2015), Кӯмакҳои асосии иҷтимоӣ барои занону духтароне, ки дучори зуроварии гендерӣ мешаванд. Стандартҳои сифат ва принсипҳои роҳбарикунанда.

СММ Занҳо (2014), Идентификатсияи ҷузъҳои асосии хизматрасониҳои тиббӣ дар раванди зуроварӣ нисбати занону духтарон. Натиҷаи машваратҳои глобалии техникӣ.

ТУТ (2013), эътино ба зуроварӣ аз тарафи шарики ҷинсӣ ва зуроварии шаҳвонӣ нисбати занон: принсипҳои роҳбарикунандаи клиникӣ ва сиёсии ТУТ.